**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 02.03.2024, протоколи № 59**

Барои сазовор донистани Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсияи Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович дар мавзуи "Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунони иқтисодиёт" аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя санаи 14.12.2023 қабул карда шуд, суратмаҷлиси №48 шурои диссертатсионии **6D.КОА-003** дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Хиёбони рӯдакӣ 17), ки бо фармоиши раиси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №349 аз 03.12.2021 таъсис ёфтааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович, санаи таваллуд 16 декабри соли 1986, соли 2010 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷандро хатм намудааст, дар вазифаи муаллими калони кафедраи молия ва қарзи ҳамин донишгоҳ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Собирзода Нуралӣ Миралӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** Шарипов Баҳром Маҳмудович - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сарходими илмии шӯъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Бобоев Нозимҷон Мансурович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва андози МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. М.Турсунзода, 30) дар тақризи мусбат, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Миразизов А.Ҳ. омода карда шуда, аз тарафи раиси ҷаласа н.и.и., дотсент Шарифов Т.А. имзо гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия ва

қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон аз 26-уми январи соли 2024, суратҷаласаи № 6 баррасӣ гардида, аз ҷониби ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон д.и.и., профессор Машрабзода Файзулло Кароматулло 29-уми январи соли 2024 тасдиқ карда шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Муасисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки кори диссертатсионӣ дар худ кори илмӣ- тахассусиро дар бар гирифта, дар он қарорҳо ва коркардҳои нави аз ҷиҳати илмӣ асоснок мавҷуданд. Инчунин, дар он таҳқиқи асосҳои назариявии ташаккули низоми пардохти миллӣ ва нақши он дар пешрафти соҳаҳои иқтисоди миллӣ, мукаммалгардонии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар заминаи тақвияти инфрасохтори пардохти миллӣ арзёбӣ гардидааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович дар мавзуи "Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт", кори илмию таҳқиқотии мустақил ва баанҷом расида дониста шуда, ба талаботи "Низомномаи Шурои диссертатсионӣ", "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" ва "Тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда" ( Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 267 аз 30 июни соли 2021) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ тасдиқ гардидааст, мутобиқ ва ҷавогӯй буда, муаллифи он Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Автореферат ва мақолаи илмии ба табъ расидаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дарбар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия 11 адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшаванда 5 мақола чоп кардааст.

**Номгӯйи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:**

1. Ҳалимов, И.М. Ҷанбаҳои назариявию методии низоми пардохти миллӣ / Х.Ҳ. Исматов, И. М. Ҳалимов // «АХБОРИ ДДҲБСТ» силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. Маҷаллаи илмӣ-назариявӣ. – Хуҷанд, 2021. – №4 (89). – С. 26-36.
2. Ҳалимов, И.М. Ҷанбаҳои назариявии амалигардонии низоми пардохт / И. М. Ҳалимов // ПАЁМИ ДДТТ. Маҷаллаи илмӣ. – Душанбе, 2022. – №1 (40). – С. 310-315.

3. Ҳалимов, И.М. Вазъи муосири низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қ. Х. Хушвахтзода, И. М. Ҳалимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №10. – С. 5-13.

4. Ҳалимов, И.М. Тараққиёти низоми пардохт дар шароити рақамикунонии иқтисоди миллӣ / Н. М Сӯбирзода, И. М. Ҳалимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – № 9. – С. 51-54.

5. Ҳалимов, И.М. Такмили заминаи институтсионалии низоми пардохти миллӣ ва дурнамои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.М. Ҳалимов // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2023. – №2 (36). – С. 249-258.

6. Халимов И.М. Платёжные системы Республики Таджикистан и направления его развитие / И. М. Халимов // матерыалы XXXI межвузовской студенческой конференции по итогам научных исследований за 2010-2011 учебный год “Предприимчивость студенчества будущему Беларуси!”, “Белорусский торгово-экономический университет потребительской кооперации”, 10-12 мая 2011 года. – Гомель: – С.110-116.

7. Халимов, И.М. Элементы и принципы формирования и функционирования национальной денежной системы / И.М. Халимов // Экономика и развитие общества: сборник статей и докладов научно-практической конференции преподавателей ИЭТ ТГУК (г. Худжанд, 23-30 апреля 2012г.). – Худжанд: Андеша, 2012. – С. 330-335.

8. Халимов, И.М. Тенденции и направления информационных технологий и платежной системы на промышленных предприятиях / И. М. Халимов // Экономика, финансы, учет, анализ и аудит: стратегические приоритеты развития в условиях цифровой экономики : материалы международной научно-практической конференции посвященной 80-летию Заслуженного деятеля науки и техники Республики Таджикистан, доктора экономических наук, профессора Уракова Д.У. – Душанбе, 21-23 мая 2022 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2022. – С. 271-274.

9. Ҳалимов, И.М. Хизматрасониҳои пардохтии бонкҳои тиҷоатӣ дар таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ / И. М. Халимов, З. Р. Ашӯрова // Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонӣшавӣ: Маводи Форуми II-юми ҷумҳуриявии иқтисодӣ, ба ифтихори 35 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30 солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон. Хуҷанд, 15 декабри соли 2022. – Хуҷанд: Дабир, 2022. – С. 115-119.

10. Халимов, И.М. Особенности информационных технологий и система платежей на предприятиях АПК / И. М. Халимов // Учетно-аналитические механизмы обеспечения финансовой безопасности аграрного сектора экономики : Материалы Международной научно-практической конференции, посвященной 100-летию Кубанского государственного аграрного университета имени И. Т. Трубилина, Краснодар, 28–29 апреля 2022 года. – Краснодар: Индивидуальный предприниматель Кабанов Виктор Болеславович (Издательство "Новация"), 2022. – С. 106-109.

11. Халимов, И.М. Развитие платежной системы в условиях цифровизации национальной экономики / И.М. Халимов // Информационное обеспечение финансовой безопасности аграрного сектора экономики: учет, анализ и контроль : Материалы Международной научно-практической конференции, посвященной 45-летию учетно-финансового факультета Кубанского государственного аграрного университета имени И. Т. Трубилина, Краснодар, 27–28 апреля 2023 года. – Краснодар: Индивидуальный предприниматель Кабанов Виктор Болеславович (Издательство "Новация"), 2023. – С. 51-56

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:**

**1. Ризоқулов Т.Р.** – д.и.и., профессор муовини ректор оид ба корҳои илм ва иноватсия Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, биснес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1. Дар кори диссертасонӣ ҷанбаҳои назариявию методологи рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунони иқтисодиёт ба таври зарури кушода дода нашудааст.

2. Дар саҳифаи 15-уми автореферат сухан оид ба амалкарди низоми пардохт дар мамлакатҳои хориҷӣ меравад. Хуб мешуд агар ин ҷо муаллиф ҳангоми омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ таҷрибаи давлатҳои хориҷиро дар умум неву дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор медод ва хулосабарорӣ менамуд.

3. Дар автореферат базе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

**2. Шокиров Р.С.** – д.и.и., дотсент мудири кафедраи молия, бонк ва фаъолияти гумрукии Филиали МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» дар вилояти Суғд (ш. Хуҷанд), бо чунин эродҳо:

1. Дар қисмати эътимоднокии натиҷаҳо аз тарафи муаллиф тавсияҳои мушаххас пешниҳод нагардидаанд.

2. Беҳтар мешуд агар муаллиф дар автореферати диссертатсия ақидаҳои шахсии худро оид ба такмили механизми низоми пардохти миллӣ мушаххастар баён менамуд.

**3. Холов Т.А.** – н.и.и., дотсенти мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав, бо чунин эродҳо:

1. Дар саҳифаи 14-уми автореферат расми 2 алгоритми фаъолияти субъектҳои низоми пардохти миллӣ ва амалигардонии ҳадафҳои рушд хуб таҳия карда шудааст, аммо муаллиф хусусиятҳои қисмҳои алгоритми таҳияшударо муфассал баён накардааст.

2. Дар таҳқиқоти илмӣ, муаллиф таъсироти таваррумро ба низоми пардохти миллӣ пайгирӣ накардааст. Зеро омили мазкур таъсироти бевосита ба низоми пардохти миллӣ мерасонад.

3.Дар таҳқиқоти мазкур оид ба идоракунии пардохти миллӣ, ягон фишанг ва ё усули идоракунӣ оварда нашудааст, ҳол он, ки номи мавзуи интихобгардида масъалаи рушди низоми пардохти миллиро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт пайгирӣ менамояд.

**4. Содиқзода З.С.** – номзади илмҳои иқтисодӣ , и/в дотсент кафедраи менеҷмент ва маркетингӣ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, бо чунин эродҳо:

1. Дар саифаҳи 16-уми автореферат, маълумотҳои ҷадвали 1 возеҳ таҳлил нагардидаанд.

2. Дар матни автореферат камбудиҳои услубӣ ва имлоӣ ҷой дорад.

Бояад қайд намуд, ки камбудиҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, натиҷаи иҷроиши кори таҳқиқотиро манфӣ арзёбӣ мекунад.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:** ***коркард карда шуд:*** роҳҳои мукаммалгардонӣ ва рушди низоми пардохти миллӣ коркард гардида, ташкили низоми муассир дар асоси тақвияти заминаи технологӣ-информатсионии пардохтҳои ғайринақдӣ пешниҳод карда шудааст, илова бар ин, ҳолати муосири низоми пардохтҳои ғайринақдӣ дар шароити рақамкунонии иқтисодиёт баҳогузорӣ гардида, роҳҳои инкишофи минбаъдаи он тавсия шудааст;

- ***пешниҳод шудааст:*** бо мақсади рушди устувори низоми пардохтҳои миллӣ, тақвияти минбаъдаи низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, суръати ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ, ҳамкориҳо бо низомҳои пардохтии байналхалқӣ ва инкишофи бозори кортҳои пардохтӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи воқеӣ фароҳам оварда мешавад;

- ***исбот шудааст***, ки айни замон ҳолати муосири низоми пардохтҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба такмилёбӣ ниёз дошта, зарурияти тақвияти заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва баҳодиҳии рушди минбаъдаи он ба миён омадааст, илова ба ин, барои рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ заминаи методологӣ коркард гардида, ҷанбаҳои амалии он ба таври возеҳ инъикос.гардидааст;

- ***асоснок карда шудааст***, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ҷиҳати таъмини самараноки ҳисоббаробаркуниҳои субъектони иқтисодӣ зарур ба ҳисоб рафта, ҳамкориҳои судманди низоми пардохтӣ бо дигар мақомотҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ рушди минбаъдаи онро тамъмин менамояд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- ***исбот карда шудааст***, ки дар илми иқтисодиёти ватанӣ то кунун атрофи масъалаи рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳқиқоти мукаммал анҷом дода нашудааст. Дар диссертатсияи мазкур барои бунёд намудани асосҳои назариявӣ ва методии рушди низоми пардохтҳои миллӣ коркардҳои муаллифӣ таҳия гардидаанд;

- ***усулҳои муосири*** усулҳои умумиилмии таҳқиқот индуксия ва дидуксия, ҷамъбасткунӣ, қиёсӣ, асбстарксияи илмӣ, мушаххасгардонӣ, мушоҳида, муқоисавӣ, трендӣ, арзёбии экспертӣ истифода шудаанд, инчунин усулҳои махсуси зерин истифода шудаанд: гурӯҳбандӣ, фарқият, усули индексӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои нисбӣ, таҳлили омилӣ, таҳлили муқоисавӣ, ҷамъбаст ва гурӯҳбандии маълумот, усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ ва монографӣ истифода шудаанд;

- ***баён шудани*** гузариш ба низоми ҳисоббарборакуниҳои ғайринақдӣ тариқи такмилдиҳии низоми пардохти миллӣ. Дар диссертатсия исбот гардидааст, ки ҷараёни такмилёбии низоми пардохти миллӣ бо мушкилоти зиёде алоқаманд буда, баррасӣ ва ислоҳи онҳо метавонад ҷараёни гузариш ба низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро тақвият бахшида, рақамикунонии муносибатҳои молиявиро миёни субъектони иқтисодӣ густариш медиҳад ва хизматрасониҳои пардохтиро суръат мебахшад.

- ***ошкор карда шудааст,*** ки барои тақвияти низоми пардохти миллӣ, ташаккули инфрасохтори он ва ташкили заминаи такмилёфтаи ҳуқуқӣ зарур буда, баландбардории сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ самти афзалиятнок мебошад. Барои ташкили низоми самараноки пардохтҳои миллӣ истифодаи фишангҳои давлатии сиёсати пулию қарзӣ ба мақсад

мувофиқ буда, фаъолияти ҳисоббаробракуниҳо миёни иштирокчиёни бозори молиявӣ суръат бахшида мешавад;

- ***омӯзиши*** асосҳои назариявӣ ва амалии рушди низоми пардохти миллӣ баррасӣ гардида, ҷанбаҳои методологии он пажӯҳиш шуда, ҳолати муосири тақвияти ҳисоббаробракуниҳо дар доираи низоми пардохтҳои миллӣ мавриди баҳогузорӣ қарор гирифтааст ва дар натиҷа мушаххас гардидааст, ки ташкили фаъолияти самараноки низоми пардохти миллӣ аз тақвияти фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон вобастагии амиқ дорад;

- ***аз нав такмил додани*** ташкил ва методикаи рушди низоми пардохти миллӣ, интихоби дурусти равишҳои баҳодиҳии омилҳои таъсирбахш ба ҷараёни фаъолияти он, такмили технологияи муосир, тарзу усулҳои баҳодиҳии хавфҳои мавҷуда, баҳодиҳии имкониятҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ ва мукаммалгардонии донишҳои иқтисодию ҳуқуқии кормандони низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- ***коркард ва ҷорӣ карда шуд:*** натиҷаҳои асосии таҳқиқотии диссертатсия дар фаъолияти Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд (маълумотномаи №01-05 аз 20.02.2023) ҳамзамон дар ҷараёни таълим дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маълумотномаи №119 аз 16.02.2023) истифода шудаанд;

- ***муайян карда шуд,*** ки рушди низоми пардохти миллӣ барои тақвияти иқтисоди воқеӣ заминаи муҳими инкишофро таҳия намуда, пешрафти ҳисоббаробаркуниҳоро байни субъектони иқтисодӣ, давлат ва бахши хусусӣ густариш дода, ҳаҷми пули нақдро дар муомилот коҳиш медиҳад ва заминаи пайдоиши таваррумро аз байн мебарад, ки ин ба суботи пайвастаи хоҷагии халқи мамлакат созгор мебошад;

- ***таҳия карда шуд:*** ҳангоми таҳияи барномаҳои ва ҳуҷҷатҳои стратегӣ, ки ба рушди низоми пардохти миллӣ алоқамандӣ дорад, таъсири манфии омилҳо бояд ба назар гирифта шавад, то ки самаранокии татбиқи он таъмин карда шавад, илова ба ин, идоракунии низоми пардохти миллӣ замчун омили муҳими тақвияти минбаъдаи он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ гардидааст;

- ***муаррифӣ карда шуд:*** самтҳои асосии баландбардории самаранокии низоми пардохти миллӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ба роҳи таъмини масъалаҳои ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, коркарди ҳуҷҷатҳои танзими меъёрию

ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассусмандии кормандони ташкилотҳои қарзӣ, рушди методии ҳуҷҷатгузории амалиётҳои молиявӣ-хоҷагидорӣ ва бунёди низоми муассири ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ пешниҳод карда шуд

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- ***назарияи таҳқиқ*** дар заминаи муқаррароти назариявию консептуалии таҳиянамудаи олимони соҳаи бонкдорӣ, зершохаҳои он, менеҷмен дар соҳаи низоми пардохтҳо, фаъолияти густурда ва самараноки Бонки миллии Тоҷикистон, ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо, баландбардории сатҳи саводнокии аҳолӣ, бизнес – ҷараёнҳо, сохторҳои таркибӣ ва ғайраҳо бунёд шудааст;

- ***ғояи*** таҳқиқот дар асоси барномаҳои давлатии соҳаи бонкдорӣ, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва тадқиқотӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот аз Бонки миллии Тоҷикистон ва захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» ***асоснок шудааст;***

- ***аслият ва навгониҳои*** натиҷаҳои таҳқиқот оид ба такмил ва рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва таъмини тақвияти минбаъдаи он бо далелҳои мушаххас ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд;

- ***усулҳои муосири*** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот зимни тартибдиҳии ҷадвалҳо, таҳияи равишҳои муосир, ва коркарди тавсияҳо баҳри баландбардории самаранокии низоми пардохтҳои миллӣ ва идоракунии фаъолияти операторҳои пардохтӣ истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- муаллиф зарурияти ташаккул ва рушди низоми пардохтҳои миллиро дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ ба таври назариявӣ ва амалӣ асоснок намудааст;

- самтҳои асосии такмили идоракунии низоми пардохти миллӣ муайян ва тавсияҳои мушаххас оид ба такмили механизми НПМ дар шароити татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардида, пешгӯии нишондиҳандаҳои рушди НПМ анҷом ёфта, алгоритми мутобиқи такмили НПМ коркард шудаанд;

- принсипҳо ва шартҳои асосии ташаккул ва идоракунии самараноки низоми пардохтии миллӣ бо таваҷҷуҳ ба афзалияти беҳтар намудани функсияи тақсимоти он дар раванди муомилоти захираҳои молиявӣ дар иқтисодиёт, кушодагии низоми пардохтии миллӣ ва якпорчагии унсурҳои алоҳидаи он асоснок карда шудаанд, ки ба

иштироки самараноки субъектҳои танзими низоми миллии пардохт ва фаъолияти устувори он дар доираи риояи меъёрҳои қонунгузории кишвар, дар асоси афзалиятҳои стратегии ноил шудан ба параметрҳои рушди устувори бозори молиявӣ пешниҳод гардидааст;

- аз рӯйи мавзӯи таҳқиқот нашри 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашриёҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ намудааст;

- ба тасвиб расонидани натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илмӣ.

Дар маҷлис аз 2 марти соли 2024 шӯрои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шӯрои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 4 нафар оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар ҳайати шурои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии шӯрои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Қурбонов А.К.**

***2 марти соли 2024***